**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**аз «15» 03 соли 2024 № 50/б ш. Душанбе**

*Дар бораи баробарарзиш эътироф кардани дипломи дараҷаи илмӣ*

Мутобиқи сархати 5 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ (ИКД №000363), ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Қиргизистон аз 30 октябри соли 2012, №8к-1/7 ба Махмудова Фарогат Мирзонасриевна аз рӯйи ихтисоси 05.22.10 – Истифодабарии нақлиёти автомобилӣ дода шудааст, эътироф карда шуда, бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.22.10 – Истифодабарии нақлиёти автомобилӣ баробарарзиш дониста шавад.
2. Мудири шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ (Ёров Э.А.) вазифадор карда шавад, ки барои таъмин ва барасмиятдарории як адад дипломи намунаи давлатии баробарарзишии дараҷаи илмии номзади илм чораҳои зарурӣ андешад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Гулаҳмадов Ҳ.Ш.) вазифадор карда шавад, ки дар мӯҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2024, № 3.

Раис Давлатзода С.Х.

Нусха бо асл баробар аст.